## Ёддошти тафоҳум байни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи улумпизишкии Шероз

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино, дар шахси ректор профессор М.Қ.Гулзода, ки дар асоси Оиннома фаъолият мекунад ва Донишгоҳи улумпизишкии Шероз, дар шахси ректори донишгоҳ Сайид Вахид Хосейнӣ, ки дар асоси Оинннома фаъолият мекунад (минбаъд «Тарафҳо»), бо назардошти манфиатҳои мутақобил ҷиҳати муқаррар намудани ҳамкорӣ ва дар оянда мӯътақид будан бар он, ки ҳамкорӣ барои тарафҳо муфид аст, ба чунин қарор омаданд:
Созишномаи мазкур созишномаи умумӣ буда, принсип ва шартҳои асосии ҳамкориро дар бар мегирад. Созишномаи мазкур дар ягон мавқеи худ ба қонунгузории Тарафҳо мухолифат намекунад

**Моддаи 1.**
Тарафҳо розӣ шуданд, ки дар соҳаи илми тиб ва маориф ҳамкориро рушд диҳанд.

**Моддаи 2.**
Тарафҳо самтҳои афзалиятноки зерини ҳамкориро муқаррар карданд:
**2.1** Дар асоси барномаҳо ва шартномаҳои мушаххас, ки Тарафҳо оид ба ҳар як лоиҳаи муштарак бастаанд, амалӣ кардани лоихаҳои муштарак дар соҳаи таҳсилоти тиббӣ ва илми тиб

**2.2** Баргузор намудани чорабиниҳои таълимии муштарак: симпозиумҳо, конференсияҳо, семинарҳо,тренингҳо, мактабҳо, мизҳои мудаввар, маҷлисҳо.

**2.3** Мубодилаи донишҷӯён, резидентон ва аспирантон дар доираи барномаҳои кӯтоҳмуҳлати таълимӣ.
**2.4** Мубодилаи олимон ва ҳайати профессорону омӯзгорон барои ходани маърӯзаҳо ва мубодилаи таҷрибаҳои пешқадам.
**2.5** Иштироки якҷоя дар барномаҳои грантӣ ва озмунӣ.
**2.6** Созишномаи мазкур Тарафҳоро ба ухдадориҳои молиявӣ масъул намекунад.

## Memorandum of understanding between Avicenna Tajik State Medical University and Shiraz University of Medical Sciences

Avicenna Tajik State Medical University, in the face of the rector, professor Gulzoda Mahmadshoh Qurbonali, acting on the basis of the Charter and Shiraz University of Medical Sciences in the face of Chancellor Syed Vahid Hosseini, acting on the basis of the Charter, which further is going to be referred as "the Parties", considering their mutual interest in establishing cooperation and being convinced that cooperation will be mutually beneficial, have agreed following points:
The present Agreement is a framework and contains the basic principles and terms of cooperation. This Agreement does not contradict to the law of the Parties.

**Article 1.**
The Parties agreed to develop cooperation in the field of medical science and education.

**Article 2.**
The Parties have established the following priority areas of cooperation:
**2.1**The conduction of joint projects in the field of medical education and science, based on specified programs and contracts, that concluding deals by the parties for each project.

**2.2** The conduction of joint educational event: symposium, conferences, seminar, trainings, school, round table and meetings.

**2.3** Student exchange, exchange of residents, graduate and post graduate students in the frame of short-term educational programs.
**2.4** Scientists and professors exchange for giving the lectures and sharing with the experience.
**2.5** Joint participation which includes grant and competitions.
**2.6** This Agreement shall not impose financial obligation to the Parties.

**Моддаи 3.**
Тарафҳо ба мувофиқа омаданд, ки мавқеи Моддаи 2-и созишномаи мазкур дар асоси шартномае, ки Тарафҳо доир ба ҳар як лоиҳаҳои муштарак, нақшаҳои корӣ ва барномаҳои тадқиқотии таҳияшуда, ки аз хусуси чорабиниҳои муштарак, шароит ва ташкил карда ва маблағгузории онҳо амалӣ карда мешавад.

**Article 3.**
The parties agreed that the positions of Article 2 of this agreement will be implemented on the basis of contracts concluded between the Parties on each joint project. Moreover it is going to be realized with elaborate work plans and research programs, which contain information on joint activities and the conditions of their organization and financing.

**Моддаи 4.**
Тамоми масъалаҳои амалӣ, ки ба ташкили чорабиниҳои мушахас дар доираи Моддаи 2-и Созишномаи мазкур дахл доранд,бояд бояд пешакӣ дар шакли хаттӣ баррасӣ ва мувафиқа карда шаванд.

**Article 4.**
All practical questions concerning the organization of specific activities in the frame of Article 2 of This Agreement have to be discussed in advance and should be agree in written form.

**Моддаи 5.**
Ҳамаи тағйирот, иловаҳо ва замимаҳо ба Созишномаи мазкур қисми таркибии созишнома буда, дар ҳолати ба таври хаттӣ тартиб дода ва аз тарафи намояндагони комилҳуқуқи Тарафҳо имзо шуда бошанд, қудрати ҳуқуқӣ доранд.

**Article 5.**
All changes, additions and annexes to this Agreement are an integral part of this and have legal force if they are in written form and signed with the plenipotentiary representatives of the Parties.

**Моддаи 6.**
Созишнома аз лаҳзаи ба имзо расонидани Тарафҳо қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад ва аз лаҳзаи ба имзо расониданаш муддати 5 сол амал мекунад.
Созишномаи мазкурро барои давраи дигар тамдид кардан мумкин аст, агар ягон Тараф аз қатъ намудани он пешакӣ дархост накунад.
Тарафе, ки мехоҳад Созишномаро пеш аз муҳлат қатъ намояд, бояд пешакӣ Тарафи дигарро ба таври хаттӣ огоҳ созад, баъди ин Созишнома дар давоми 6 моҳи баъдӣ қувваи ҳуқуқӣ дорад.
Созишномаи мазкур дар ду нусха бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тартиб дода шудааст, матнҳо якхела буда ва қувваи якхела доранд.

**Article 6.**
This Agreement shall enter into force on the day of holding the agreement, and are valid for 5 years from the date of signing.
This Agreement may be extended for the next period, if Parties do not give any notice of its intention to terminate its participation in it.
The Parties, which want ahead to break off the Agreement may do so by notifying the other Party in written form, after that case the Agreement will be valid for the next six months.
The present Agreement is signed in two copies, in Tajik and English languages, all the texts are identical and have the same effect.

**ИМЗОИ ТАРАФҲО / SIGNATURES OF THE PARTIES**

**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино / Avicenna Tajik State Medical University**

Ректор, Профессор Гулзода М.К.
Rector, professor Gulzoda M.Q.

«26» 10 2022

**Донишгоҳи улумпизишкии Шероз / Shiraz University of Medical Sciences**

Ректор Сайид Вахид Хосейнӣ
Chancellor Syed Vahid Hosseini

«26» 10 2022